**Тақризи**
**роҳбари илмӣ, доктори илмҳои фалсафа, профессор Самиев Б.Ҷ.**
**ба диссертатсияи Бердиёрова Гулбарг Ибодуллоевна дар мавзуи**
**“Муколамаи фарҳангҳо ва нақши он дар таҳаввули низоми иҷтимоӣ-фарҳангии ҷомеаи Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ**

Муколама ё гуфтугӯи фарҳангҳо бо мафҳуми бархӯрди тамаддунҳо муқобили ҳамдигар меистанд. Бархӯрди фарҳангҳо, ки аз қадим ба пирӯзии яке ва шикасти дигаре мебарад, барои устувор ва мукаммал гаштани тамаддуни ғолиб тағйироти бунёдӣ мекунад, ки аз синтези онҳо тамаддуни нав ба вуҷуд меояд. Муколамаи фарҳангҳо бошад, ин воситаи ҷалби намояндагони тамаддунҳо ба баҳс, табодули назар, баҳри ҳалли масоили мухталиф, тарғиб ва ҳифзи арзишҳо ҷиҳати бақои миллатҳо тавассути риояи фарҳанги таҳаммулгароӣ, эҳтироми якдигар ва даъват ба ҳамдилию ҳамзистӣ аст.

Аз давраи қадим сар карда, одамон барои баррасӣ ва ҳалли масоили ба вуқӯъомада маълумотро бо тарзҳои гуногун ба даст оварда, дар хотираи худ маҳфуз медоштанд ва дониши захирашударо бо роҳҳои гуногун аз насл ба насл интиқол медоданд. Бинобар ин, муколамаи фарҳангҳо барои ҷомеаи имрӯза падидаи нав набуда, аз саргаҳи пайдоиши фарҳангу тамаддуни башарӣ, яъне аз марҳилаи аввали ташаккули марказҳои фарҳангҳо ва тамаддунҳо сурат гирифтааст. Чунки фарҳангҳо ва тамаддунҳои гуногун ҳамеша бо интиқоли арзишҳои беҳтарини маънавӣ ва моддии худ бо ҳам пайваста буданд ва якдигарро ғанӣ мекарданд.

Бояд қайд кард, ки барои пайдоиш ва ташаккули назарияи муколамаи фарҳангҳо ва тавсеаи он дар ҷомеаи имрӯза омилҳои зерин нақши хосса бозиданд:

1) пайдоиши кандакориҳои болои санг ва чӯб, нақшофарӣ рӯйи матоъҳои гуногун: катибаҳо ё петроглифҳо (аз юнонӣ petros - санг ва глиф - кандакорӣ), идеограммаҳо, иероглифҳо, алифбо ва хат, ки аз дастовардҳои арзишманди фарҳанги ҷомеаи ибтидоӣ ба ҳисоб мерафтанд;

2) устура, таълифоти назмию насрӣ, расму анъанаҳо, ҷашну маросимҳо, ки инъикоскунандаи ахлоқи ҳамида, фарҳанги таҳаммулгароӣ дошта, барои мусолиматомез ҳал кардани низоъу бархӯрдҳо мусоидат менамуданд;

3) саҳми таърихии тоҷик: намояндагони мактабҳои динӣ-фалсафӣ, сиёсатмадорон, сарлашкарон, ки аз табори миллати тоҷик буда, барои ташаккули муколамаи фарҳангҳо ва тавсеаи он, эҷоди сулҳ ва таъмини амнияту субот дар сатҳи кишварҳои ҷомеаи башарӣ нақши асосӣ бозиданд ва ғайра.

Муҳиммияти илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқи ин масъалаҳо зарурати пажӯҳиши мавзуи мазкурро талаб менамояд.

Ҳангоми таҳияи диссертатсия муаллиф асарҳои зиёди илмӣ-таҳқиқотӣ, мақолаҳои арзишманди муҳаққиқон ва олимони варзидаи хориҷию ватаниро оид ба паҳлӯҳои мухталифи мавзуъ омӯхта, таҳлил карда, барои риоя кардани низомнокӣ, мантиқан ҷо ба ҷо кардани бобҳою зербобҳои диссертатсия аз онҳо самаранок истифода бурдааст. Аммо дар тафриқа аз таҳқиқоти анҷомдода омӯзиш ва аз ҷанбаи фалсафӣ таҳқиқ кардани асосҳои илмӣ-методологии масъалаи муколамаи фарҳангҳо, ҷустуҷӯ кардани сарчашмаҳои ғоявӣ, ки барои ташаккул ва тавсеаи муколамаи фарҳангҳо таъсири назариявӣ ва амалӣ расониданд, муайян кардани нақш ва ҷойгоҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тавсеа ва таҳкими муколамаи фарҳангҳо, ки камомӯхта мебошанд, масоили меҳварии кори таҳқиқотии мазкур ба ҳисоб мераванд.

Мавзуи кори таҳқиқотӣ дар асоси нақшаи дурнамои кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои солҳои 2020-2025 доир ба масъалаи “Хусусиятҳои маънавии ҳаёти иҷтимоӣ ва таҳаввули он”аз рӯйи равияи фалсафаи иҷтимоӣ иҷро карда шуда, робитаи корро бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ инъикос медорад.

Мақсади кори таҳқиқотӣ омӯзиш ва таҳқиқ кардани асосҳои илмӣ-методологии масъалаи муколамаи фарҳангҳо, нақш ва ҷойгоҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тавсеа ва таҳкими он мебошад.

Навгонии илмии таҳқиқот ба таври мушаххас дар чунин натиҷаҳо инъикос ёфтааст:

- муайян карда шуд, ки дар ҷомеаи авлодӣ навиштаҷоти мухталифи рамзӣ (тасвирҳо) ва хат барои ташаккул ва тавсеаи гуфтугӯи фарҳангхо нақши аввалиндараҷа бозидаанд. Чунки дар аҳди қадим ин усулҳо воситаҳои муҳими интиқол додани маълумот, донишҳои нав дар байни тамаддунҳои гуногун ба ҳисоб мерафтанд.

- асоснок карда шудааст, ки устура, осори насрию назмии тамоили ахлоқӣ ва кайҳоншиносидошта, расму анъана ва ҷашну маросимҳо, таъсиси “Роҳи абрешим”, ки ҳамчун як расона раҳёфтҳои фарҳангиро аз сӯйи тамаддуни машриқзамин ба ҳам мерасонид ва соҳибони андеша донишро аз Хитой то Эрону Байнаннаҳрайн ба гуфтугӯ ва табодул фаро мехонд, аз унсурҳои дигари арзишноки фарҳангӣ-фалсафӣ ба ҳисоб рафта, таърихан барои пайдоиш ва тавсеаи назарияи муколамаи фарҳангҳо ба сифати заминаи назариявӣ ва амалӣ хизмат кардаанд;

- мушаххас карда шудааст, ки фарҳанге, ки тавассути ирс аз насл ба насл мерос мемонад худ ба худ инкишоф намеёбад. Барои рушд ва таҳкими он инсонҳо бояд он бозёфтҳои меросмондаро аз нав коркард карда, ба замон мувофиқ ва барои насли оянда интиқол диҳанд. Дар ин маврид, ин ҷараён ифодакунандаи раванди иҷтимоишавии инсон ба ҳисоб меравад. Дар сурати вобаста ба талаботи замон коркард накардани дастовардҳои фарҳангии гузаштагон, қатъ гаштани раванди иҷтимоишавии одамон ба нобуд шудани фарҳанг меорад;

- муайян карда шудааст, ки тоҷикон дар ташаккули арзишҳои фарҳанги ҷаҳонӣ ва тавсеаи муколамаи фарҳангҳо аз қадим то ба имрӯз

саҳми хосса доштанд ва ин рисолатро минбаъд низ насл ба насл ба мерос мемонанд. Зеро, барои мардуми тоҷик муколамаи фарҳангҳо як падидаи нав ҷиҳати бо роҳи мусолиматомез ва гуфтушунид ҳал кардани низоъу бархӯрдҳо ба ҳисоб намеравад;

- нишон дода шудааст, ки дар эҷод кардани фарҳанги сулҳ тавассути муколама, ки ҳадафаш ҳамзистии осоишта тавассути гузашт кардани ҳамдигар, бахшидани гуноҳҳо мебошад, саҳми тоҷикон беназир аст ва амалӣ кардани мактаби сулҳофарии онҳо таъмингари амнияту субот дар ҷомеаи имрӯза мегардад;

- таҳқиқ карда шудааст, ки дурнамои рушди Тоҷикистон вобаста ба ҷаҳонишавии арзишҳо ва бархӯрди тамаддунҳо ба ҳалли масоили характери глобалидошта, аз ҷумла: таъмини амният ва сулҳу суботи минтақа, мубориза алайҳи терроризм ва экстремизими динӣ, ҳалли масолили марбут ба об ва муҳити зист, демография ва танзими муҳоҷирати меҳнатӣ ва ғайра иртибот дорад.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот аз он иборат аст, ки аз ҷанбаи фалсафӣ асосҳои илмӣ-методологии пайдоиш ва тавсеаи муколамаи фарҳангҳоро дар таърихи тамаддуни башарӣ мавриди пажӯҳиш қарор дода шуда, сарчашмаҳои асосии ташаккули назарияи гуфтугӯи тамаддунҳоро илман асоснок мекунад. Инчунин, нақш ва ҷойгоҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар тавсеаи муколамаи фарҳангҳо ҷиҳати ҳалли низоъ ва бархӯрди байни кишварҳои ҷомеаи имрӯза, пешниҳоди масоили характери глобалидоштаро муайян менамояд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо бо интихоби методҳо дар раванди таҳлилу таҳқиқи мавзуъ, миқдори зарурии маводе, ки дар ҷараёни таҳқиқот истифода мешаванд, эътимоднокии манбаъҳои иттилоотии ҷамъовардашуда ва коркардашуда оид ба мавзуи таҳқиқот, бо тасдиқи муқарраротӣ илмии пешниҳодкардаи муаллиф, ки дар рисола мавҷуданд, инчунин нашрияҳо тасдиқ карда мешаванд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва эмпирикӣ пешниҳод карда шудаанд.

Натиҷаҳои кори таҳқиқотӣ, хулосаю тавсияҳои амалӣ барои дарки моҳияти назарияи гуфтугӯи тамаддунҳо, муайян кардани нақш ва ҷойгоҳи тоҷикон дар тавсеаи муколамаи фарҳангҳо, нақши гуфтугӯи тамаддунҳо дар эҷоди сулҳи тоҷикон ва ғайра ба муҳаққиқони риштаи илмҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ, кормандони идораҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, кумитаву муассисаҳои илмӣ-таълимӣ ва дар маҷмуъ, барои пажӯҳишгарон, низоъшиносон аҳамияти назарӣ ва амалӣ доранд.

Ҳамзамон, маводи диссертатсия барои таҳия намудани рисолаҳои илмӣ, китобҳои дарсӣ аз соҳаҳои илмҳои хусусияти иҷтимоӣ-сиёсӣ ва инсонгароидошта, судманд аст.

Диссертатсияи Бердиёрова Гулбарг Ибодуллоевна дар мавзуи “Муколамаи фарҳангҳо ва нақши он дар таҳаввули низоми иҷтимоӣ-фарҳангии ҷомеаи Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ ба

талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, барои марҳилаҳои минбаъдаи баррасӣ ва муҳокима тавсия дода мешавад.

Роҳбари илмӣ,
доктори илмҳои фалсафа, профессори
кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии
ДДОТ ба номи С.Айнӣ Б.Ҷ.Самиев

Имзои Б.Ҷ. Самиевро тасдиқ мекунам
сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С.Айнӣ А.Мустафозода